# ТАҲЛИЛИ
## таъсири танзимкунии лоиҳаи Талаботи ҳадди ақал ба таъминоти барномавию техникии ташкилотҳои қарзии молиявӣ

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Талаботи ҳадди ақал ба таъминоти барномавию техникии ташкилотҳои қарзии молиявӣ |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ ба онҳо паҳн мегардад | Ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Мӯҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 01 апрели соли 2021 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумхурии Тоҷикистон санаи 11 ноябри соли 2020 ҷойгир карда шудааст |
| Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур таклифу пешниҳодҳо ворид нагардидааст. Пас аз дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур аз тарафи ҷонибҳои манфиатдор пешниҳод ирсол нагардид. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии | Қобили қайд аст, ки фаъолияти соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ хусусияти |

| | |
|---|---|
| ҳуқуқӣ зарур аст ва окибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | ба худ хосро дошта дар замони муосир танзими сатҳи баланди ҳифзи иттилоот, кори мунтазами низомҳо дастрасии доимӣ ва саривақтии муштариён ба хизматрасониҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд дар сатҳи баланд таъмин карда шавад.<br><br>Айни замон аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дастрасӣ ба 5 низом фароҳам оварда шудааст.<br><br>Дастрасӣ ба низомҳои мазкур тариқи шабакаи хусусӣ ва бо дарназардошти стандартҳои ҷаҳонии ҳифзи иттилоот ва рамзбандӣ имконпазир мебошад.<br><br>Аз лиҳози мавҷуд набудани санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор вобаста ба танзими фаъолияти соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ анҷом додани назорати фаъолияти соҳаи мазкур дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва таъмини сатҳи баланди ҳифозати маълумот мушкил гардидааст.<br>Вобаста ба ин, зарурияти омода намудани Тартиби мазкур пеш омадааст, то фаъолияти соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар доираи қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ танзим карда шавад.<br>Дар сурати қабул нагардидани Талаботи мазкур таъмини зарурии соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, назорати иҷроиши қонунҳои соҳавӣ ва ҳамзамон |

| | |
|---|---|
| | баҳогузории фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳангоми санҷишҳо аз тарафи мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон ғайриимкон мебошад. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Талаботи ҳадди ақал ба таъминоти барномавию техникии ташкилотҳои қарзии молиявӣ (минбаъд - Талабот) мутобиқи қисми 5 моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" бо мақсади таъмини сатҳи зарурии амнияти иттилоот дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноил шудан ба сатҳи зарурии ҳимоя аз хавфҳои воқеии киберҳуҷумҳо ва кам кардани хисороте, ки дар натиҷаи вайроншавии низомҳои иттилоотӣ ё амнияти иттилоотӣ ба вуҷуд меоянд, таҳия гардида, талаботи ҳадди ақалро нисбати таъминоти барномавию техникии ташкилотҳои қарзии молиявӣ муқаррар намуда дахолати давлатро дар самти риояи қонунҳои соҳаи технологияҳои иттилоотӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва назорати мусоид таъмин менамояд. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби | Дар заминаи таҳия ва қабули Талаботи мазкур, ба роҳ мондани танзим ва назорати мутобиқати соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти технологияҳои иттилоотӣ муқаррар карда мешавад.<br><br>Дар доираи " Талаботи ҳадди ақал ба таъминоти барномавию техникии ташкилотҳои қарзии молиявӣ" чораҳои зерин доир ба фаъолияти соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар |

| | |
|---|---|
| роҳи ҳалли чунин мушкилот | ташкилотҳои қарзии молиявӣ фаро гирифта мешаванд:<br>- риояи ҳатмии қонунҳои дохилии соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>- омода ва тасдиқ намудани санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии соҳавии дохилӣ;<br>- мувофиқ гардонидани фишангҳои ҳифзи иттилоот ба стандартҳои ягонаи ҷаҳонӣ;<br>- истифодаи барномаҳои дорои иҷозатномаи истеҳсолкунанда ва риояи ҳуқуқи муаллиф;<br>- ба танзим даровардани раванди нусхабардории эҳтиётӣ ва бо ин роҳ баланд бардоштани эътимодият дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ;<br>- ба стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқ намудани ҳуҷраҳои ҷойгишавии таҷҳизоти серверӣ;<br>- риояи ҳатмии талаботҳои минималии амнияти иттилоот дар ҷойҳои корӣ.<br>Уҳдадориҳо.<br>Дар доираи Талаботи мазкур нисбати ташкилотҳои қарзии молиявӣ уҳдадориҳои зерин муқаррар мегарданд:<br>- риояи ҳатмии ҳамаи талаботҳои дар ҳуҷҷати мазкур зикргардида;<br>- доштани ҳуҷҷатгузории соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ;<br>- риояи ҳатмии ҳамаи қонунҳои соҳаи |

| | |
|---|---|
| | технологияҳои иттилоотии дар ҷумҳурӣ мавҷудбуда;<br>- ба стандарти ягона мувофиқ гардонидани равандҳои соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар ташкилоти қарзии молиявӣ;<br>- баланд бардоштани маърифати соҳавии мутахассисон дар ташкилоти қарзии молиявӣ;<br>Маҳдудиятҳо.<br>Дар доираи Талаботи мазкур нисбати ташкилотҳои қарзии молиявӣ маҳдудиятҳои зерин муқаррар мегарданд:<br>- ҳифзи маълумоти шахсии муштариён;<br>- ба шахсони сеюм ифшо нанамудани маълумоте, ки аз Бонки миллии Тоҷикистон ба ташкилоти қарзии молиявӣ ё аз ташкилоти қарзии молиявӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон интиқл мешавад;<br>- ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳуқуқ надоранд дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ аз доираи талаботҳои Талаботи мазкур камтар мавриди истифода қарор диҳанд; |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ), | То ин замон назорати фаъолияти соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар асоси Замимаи №6-и Дастурамали №181, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон омода шуда буд, ва инчунин дар асоси стандартҳои муосири ҷаҳонӣ вобаста ба технологияҳои иттилоотӣ танзим карда |

| | |
|---|---|
| | мешуд.<br><br>Замимаи мазкур имконияти баҳогузории пурра ва ҳамаҷонибаи соҳаи технологияҳои иттилоотиро дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ пешбинӣ наменамояд.<br><br>Барои мукаммал намудан ва тақвият бахшидани механизми амалисозии назорати соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва таҳияи талаботҳо дар асоси стандартҳои ҷаҳонӣ ва ҳамзамон мутобиқ ба қонунгузории соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи мазкур мусоидат менамояд.<br><br>Вобаста ба ин бидуни қабули талаботи мазкур ноил шудан ба мақсадҳои болозикр ғайриимкон мебошад. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Қабули талаботи мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талат намекунад.<br><br>Қабули талаботи мазкур боиси оқибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии зерин шуда метавонад:<br><br>Оқибатҳои иқтисодӣ:<br><br>- барои баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иттилоот ва бехатарии соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ мусоидат менамояд;<br>- рушди мукаммали иқтисоди рақамӣ дар ҷумҳуриро таъмин менамояд;<br>- шаффофияти равандҳои молиявӣ |

| | |
|---|---|
| | дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ таъмин менамояд;<br>- рушди бозори молиявӣ бо татбиқи технологияҳои муосири соҳаи бонкдории рақамӣ таъмин мегардад.<br><br>Оқибатҳои иҷтимоӣ:<br><br>- баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолиро таъмин менамояд;<br>- боварии аҳолиро ба соҳаи бонкдорӣ дар Ҷумҳурӣ тақвият мебахшад;<br>- фарогирии аҳолӣ бо хизматрасониҳои пардохтӣ, бонкдории рақамӣ ва мобилӣ, алалхусус дар ноҳияҳои дурдасти кишвар таъмин карда мешавад. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Дар сурати қабул гардидани талаботи мазкур, баҳогузории соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, риояи қонунгузории соҳавӣ дар онҳо амалӣ мегардад.<br><br>Ҳамзамон, рақобатпазирӣ ва пешбурди фарогирии молиявӣ амалӣ гашта, хавфҳои ба соҳаи технологияҳои иттилоотӣ таҳдидкунанда дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ коҳиш меёбанд. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 20 апрели соли 2021 |

Муовини Раис Накҳатзода М. К.